

«Душанбе Плаза» - мачмааи бисёрфункционалӣ мебошад, ки фаъолияти он бо максади фарохам овардани шароити мусоид барои ташаккул ва рушди тичорат, пешкаш кардани хизматрасонихои баландсифат, гузаронидани чорабинихои сиёсӣ, иктисодӣ ва ичтимоӣ, тантанахои гуногуни оммавӣ, оилавӣ ва инфиродӣ равона гардидааст.  Мачмааи «Душанбе Плаза» моликияти коммуналии Макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ дар шахри Душанбе мебошад.

Мачмааи "Душанбе Плаза" барои пешбурди тичорат ва гузаронидани чорабинихо тамоми шароити мусоидро пешкаш менамояд, ин чо технологияхои пешрафтаи замонавӣ бо усулхои бехамтои меъморӣ бо хам омезиш ёфтаанд.

«Душанбе Плаза» - Мачмааи ултразамонавӣ буда, яке аз бехтарин марказхои офисии гурухи А дар шахр ба хисоб меравад, ки ба тамоми талабот чавобгӯ мебошад. «Душанбе Плаза» намунаи бехтарини санъати меъморӣ буда, бо меъмории маркази пойтахти Точикистон хеле хуб якранг гардидааст. Ин бинои 22 кабата аз се блок иборат аст, ки масохати умумиашон 39734 м. кв-ро ташкил медихад (кабатхои 1 то 5-ум - блоки А кисми стилобатӣ буда, кабатхои 7 то 20-ум блокхои Б ва В мебошанд).







